

**سید یونس استروشنی**

مدرس فلسفه و حکمت، ایران

## نوروز، جشن طبیعت است، نه شریعت

*نوروز، جشن تکوین است، نه تشریع. نوروز، جشن طبیعت است، نه شریعت. مگر نه این است که با آغاز فصل بهار و فرارسی نوروز، همه زنده می‌شود و طبیعت جامهٔ نو بر تن می‌کند؟ جسم آدمی نیز که جزئی از طبیعت است، می‌خواهد هماهنگ با طبیعت، جامه‌ای تازه بر تن کند، می‌خواهد هماهنگ با طبیعت، زنده شود، جشن گیرد.*

چند سال است که با آغاز سال نو شمسی و فرارسی ایام نوروز، برخی شروع می‌کنند به تکفیر و تفسیق مسلمانانی که هزاران سال است این ایام را جشن می‌گیرند؛ به این دلیل که این مناسبت از اسلام نیست و هر آنچه از اسلام نیست، گرامی‌داشتش جایز نمی‌باشد و کفر است.

راقم سطور، از این پیش، با نگارش یکی دو مقاله در پایگاه اینترنتی کیمیای سادت، پیرامون دیدگاه آیین مقدس اسلام درباره نوروز و جشن گرفتن آن اظهار نظر کرده بودم. اما یک برادر، با ارسال نامه و یادآوری فتواهای فقیهان معظم مذهب حنفی، از جمله فتوای صاحب کتاب ارزشمند «البحر الرائق؛ شرح کنز الدقائق»، از اینجانب خواست، راجع به این فتوا دیدگاه خویش را اظهار بدارم، در نامه خود از جمله آورده: «*اگر ادعای شما که دین اسلام با نوروز مخالف نیست و جشن گرفتن آن جایز می‌باشد، درست است، پس نسبت به فتواهای فقهای بزرگ حنفی، منجمله ابن نجیم حنفی، که آشکارا آن را جایز نمی‌شمارد و تقدس و تعظیم آن را کفر می‌داند، چه می‌گویید؟ یا اینکه ادعا دارید، آن‌ها مثل شما نمی‌دانستند؟*»

در آغاز و پیش از پاسخ به نامه این برادر، سزاوار می‌بینم عین فتوای ابن نجیم را یادآور شوم و سپس به پاسخ بپردازم.

### فتوای ابن نجیم

زین‌الدین بن ابراهیم بن محمد مشهور به ابن نجیم فقیهی است حنفی و از علمای برجستهٔ این مذهب. او از مصر است. تألیفاتی دارد چون «الاشباه و النظائر» (در دانش اصول فقه) و «البحر الرائق؛ شرح کنز الدقائق» (در فقه)، همچنین رساله‌هایی دارد چون: «الرسائل الزینیه» و « الفتاوی الزینیه» که در هر دو، یک دسته از مسائل فقهی را بیان داشته‌اند.



**Сайидюнуси Истаравшанӣ, мударриси фалсафа ва ҳикмат, Эрон**

## Наврӯз ҷашни табиъат аст, на шариъат

*Наврӯз ҷашни таквин аст, на ташреъ. Наврӯз ҷашни табиъат аст, на шариъат. Магар на ин аст, ки бо оғози фасли баҳор ва фарорасии Наврӯз ҳама зинда мешавад ва табиъат ҷомаи нав бар тан мекунад? Ҷисми одамӣ низ, ки ҷузъе аз табиъат аст, мехоҳад ҳамоҳанг бо табиъат, ҷомае тоза бар тан кунад. Мехоҳад ҳамоҳанг бо табиъат, зинда шавад, ҷашн гирад.*

Чанд сол аст, ки бо оғози соли нави шамсӣ ва фарорасии айёми Наврӯз, бархе шурӯъ мекунанд ба такфиру тафсиқи мардуми мусалмоне, ки ҳазорон сол аст ин айёмро ид мегиранд ва дар он ба маросиме хос мепардозанд; ба ин далел, ки ин муносибат аз ислом нест ва ҳар ончи аз ислом нест, гиромидошташ ҷоиз намебошад ва куфр аст.

Камина аз ин пеш бо нигориши яке ду мақола дар торнамо (вебсайт)-и “Кимиёи саодат”, перомуни дидгоҳи ойини муқаддаси ислом нисбат ба Наврӯз ва ҷашн гирифтани он ъароизе матраҳ карда будам. Аммо як бародар бо ирсоли нома ва ёдоварии фатвоҳои фақеҳони муъаззами мазҳаби ҳанафӣ, аз ҷумла фатвои соҳиби китоби арзишманди “Ал-баҳр-ур-роиқ; Шарҳу “Канз-ид-дақоиқ”, аз камина хост роҷеъ ба ин фатво дидгоҳи хешро изҳор бидорам ва фармуд:

“Агар иддаъои Шуморо, ки мегӯед, дини ислом бо Наврӯз мухолиф нест ва ҷашн гирифтани он ҷоиз мебошад, дуруст бошад, пас нисбат ба фатвоҳои фуқаҳои бузурги ҳанафӣ, минҷумла Ибни Нуҷайми Ҳанафӣ, ки ошкоро онро ҷоиз намешуморад ва тақдису таъзими онро куфр медонад, чӣ мегӯед? Ё ин ки иддаъо доред, онҳо мисли шумо намедонистанд?”

Дар оғоз ва пеш аз посух ба номаи ин бародар сазовор мебинам ъайни фатвои Ибни Нуҷаймро ёдовар шавам ва сипас ба посух бипардозам.

### Фатвои Ибни Нуҷайм

Зайнуддин ибни Иброҳим ибни Муҳаммад машҳур ба Ибни Нуҷайм фақеҳест ҳанафӣ ва аз ъуламои барҷастаи ин мазҳаб. Ӯ аз

Миср аст. Таълифоте дорад чун “Ал-ашбоҳ ва-н-назоир” дар дониши усули фиқҳ ва “Ал-баҳр-ур-роиқ; Шарҳу “Канз-ид-дақоиқ” дар фиқҳ, ҳамчунин расоиле дорад чун “Ар-расоил-уз-зайния” ва “Ал-фатовӣ аз-зайния”, ки дар ҳар ду як даста аз масоили фиқҳиро баён доштаанд.

Ва аммо китоби эшон (Ал-баҳр-ур-роиқ; Шарҳу “Канз-ид-дақоиқ”) шарҳест бар китоби “Канз-ид-дақоиқ”-и Имом Насафӣ, ки шарҳест мабсут ва арзишманд. Ибни Нуҷайм ин ҷумлаи соҳиби “Канз-ид-дақоиқ”-ро, ки мегӯяд: “Эъто (-и ҳадя) ба номи Наврӯз ва Меҳргон ҷоиз нест”, чунин шарҳ медиҳад: “Яъне ҳадоё ба номи ин ду ъид ҳаром, балки куфр аст. Абӯҳафси Кабир (р) гуфтааст, агар марде Худованди мутаъолро панҷоҳ сол ъибодат кунад, сипас ҳангоме ки рӯзи Наврӯз фаро бирасад, ӯ барои баъзе аз мушрикон донае тухмимурғ ҳадя кунад ва бо ин кори худ таъзим ва бузургдошти ин рӯз (Наврӯз)-ро ирода намояд, кофир шуда ва амалаш ба ҳадар рафтааст. Соҳиби китоби “Ал-ҷомеъ-ус-сағир” гуфтааст, аммо агар барои мусалмоне дар рӯзи Наврӯз ҳадяе бибахшад ва бо ин кори хеш иродаи бузургдошти ин рӯзро надошта, балки тибқи ъодати ҷорӣ миёни мардумон рафтор карда бошад, кофир нахоҳад шуд. Вале ба ҳар ҳол ӯро сазовор ин аст, ки дар ин рӯз (Наврӯз) чунин накунад, балки ё баъди он ва ё пеш аз он ҳадя бидиҳад, то рафтораш шабеҳи он қавм (маҷус) нагардад. Зеро Паёмбар (с) фармудаанд: “Ҳар ки ба қавме ташаббуҳ (монандсозӣ) намояд, ӯ аз онон аст...” (Ал-баҳр-ур-роиқ; Шарҳу “Канз-ид-дақоиқ”, 25/5 ба нақл аз “Ал-мактабат-уш-шомила”).

Ва аммо посух...

Аввалан, чунон ки бар ҳеч пажӯҳишгари соҳаи фиқҳ пӯшида нест, фатвои фақеҳ на ваҳйи мунзал аз ҷониби Худост ва на сухане аз Паёмбар (с), балки иҷтиҳодест аз сӯи худи ӯ. Оре, фуқаҳо аз пеши худ ва ба ҳавои хеш фатво намедиҳанд, балки ҳар фатвое, ки содир мекунанд, ё бар пояи ояте аз Қуръони Карим аст ё сухане аз ҳазрати Паёмбар (с) ё бар асоси иҷмоъи муътабар ва ё қиёс. Яъне фатвои фақеҳ - ҳар ки бошад - замоне эътибор дорад ва мукаллафро мулзам бар ъамал тибқи он мекунад, ки агар истинботи фатвояш аз манбаъи аслӣ дурусту саҳеҳ бошад. Пас ҳар гоҳ барои мукаллаф собит гардад, ки истинботи ӯ нодуруст будааст, дигар он фатво аз эътибор соқит ва ъамал тибқи он илзомовар нахоҳад буд;

Сониян, чунон ки равшан аст, фатвои номбурда (мабнӣ бар ъадами ҷавози гиромидошти Наврӯз) бар ин ду муқаддимаи зерин устувор аст:



و اما کتاب ایشان (البحر الرائق؛ شرح کنز الدقائق) شرحی است مبسوط بر کتاب کنز الدقائق امام نسفی. در این کتاب، ابن نجیم این عبارت صاحب «کنز الدقائق» را که می گوید: «*اعطا (-ی هدیه) به مناسبت نوروز و مهرگان جایز نیست*»، چنین شرح می‌دهد:

«*یعنی هدایا به مناسبت این دو عید حرام، بلکه کفر است. ابو حفص کبیر گفته است، اگر مردی خداوند متعال را پنجاه سال عبادت کند، سپس هنگامی که نوروز فرا برسد و او برای بعضی از مشرکین دانه‌ای تخم مرغ هدیه کند و با این کار خود، تعظیم و بزرگداشت این روز ( نوروز ) را اراده نماید، کافر شده و عملش به هدر رفته است. صاحب کتاب «الجامع الصغیر» گفته است، اما اگر برای مسلمانی در نوروز هدیه‌ای بدهد و با این، ارادهٔ بزرگداشت این روز را نداشته، بلکه طبق عادت جاری میان مردمان رفتار کرده باشد، کافر نخواهد شد. ولی به هر حال، او را سزاوار این است که در این روز چنین نکند، بلکه یا بعد از آن و یا قبل، هدیه خود را بدهد، تا رفتارش شبیه آن قوم (مجوس) نگردد؛ چرا که پیامبر (ص) فرموده‌اند: «هر که به قومی تشبّه نماید، او از آنان است»*». (البحر الرائق؛ شرح کنز الدقائق، ۲۵ / ۵).

و اما پاسخ ...

اولاً، چنانکه بر هیچ پژوهشگر دانش فقه پوشیده نیست، فتوای فقیه نه وحی منزل از جانب خدا است و نه سخنی از پیامبر (ص)، بلکه اجتهادی است از سوی خود وی. آری، فقها از نزد خود و به هوای خویش، فتوا نمی‌دهند، بلکه هر فتوایی که صادر می‌کنند، یا بر پایه آیتی از قرآن کریم است یا بر اساس سخنی از حضرت پیامبر (ص) یا بر مبنای اجماع معتبر و یا قیاس. یعنی فتوای فقیه –هر که باشد –زمانی اعتبار دارد و مکلف را ملزم بر عمل طبق آن می‌کند که اگر استنباط فتوایش از منبع اصلی درست و صحیح باشد. از این روی، هرگاه برای مکلف ثابت گردد که استنباط فقیه نادرست بوده است، دیگر آن فتوا از اعتبار ساقط و عمل طبق آن الزام‌آور نخواهد بود.

ثانیاً، چنانکه روشن است، فتوای نامبرده (مبنی بر عدم جواز گرامی‌داشت نوروز) بر این دو مقدمه زیرین استوار است:

۱. پیامبر (ص) فرموده: «*هر که به قومی تشبّه نماید، او از آنان است*». مراد از قوم در این گفتار حضرت پیامبر (ص) پیروان یک دین و یا کیشی غیر اسلام است، مثل مسیحان، یهودی‌ها، بودایی‌ها و غیره. بر اساس این حدیث، هرگاه مسلمانی عملی انجام بدهد که ویژهٔ یکی از ادیان نامبرده است و قصد مانندی به ایشان را داشته، او از زمرهٔ آنان خواهد بود که کافرند؛

**۲. نوروز، عید و مراسمی است ویژهٔ آیین زرتشتی.**

**پس، تنیجه‌ای که از ضمّ این دو مقدمه به دست می‌آید این است که چون حضرت پیامبر (ص) از تشبّه و مانندی به قومی نحی فرموده و از سویی هم، نوروز ویژهٔ آیین زرتشتیان می‌باشد، پس ما مسلمانان نیز اگر این روز را گرامی بداریم و جشن بگیریم، تشبّه به ایشان نموده‌ایم و از زمرهٔ آنان گردیده‌ایم.**

**فتوای ابن نجیم و یا سایر فقیهان که مثل او بر عدم جواز گرامی‌داشت نوروز فتوا داده‌اند، در صورتی درست و صحیح و عمل به آن برای مکلّف الزامی خواهد بود که هر دوی این مقدمه صحیح و درست باشند. اما اگر هر دو و یا یکی از آن‌ها نادرست باشد، فتوا از اعتبار ساقط و عمل به آن الزام‌آور نخواهد بود.**

**مقدمه دوم درست نیست**

**مقدمهٔ اول فتوا درست است و شکی در آن نیست؛ زیرا این روایت یک روایت صحیح است. ولی مقدمهٔ دوم این فتوا درست نیست. چرا؟ بدین جهت که به لحاظ تاریخی و با نگاهی به داده‌های آیین زرتشتی، هنوز به گونه‌ای قطعی ثابت نشده است که نوروز ویژهٔ این آیین است. اساساً نه تنها زرتشتی بلکه هیچ آیینی تا هنوز با دلایل متقن ثابت نکرده است که نوروز مخصوص او و برخاسته از داده‌های مذهبی او باشد. پژوهشگران در خصوص منشأ و پیدایش نوروز می‌گویند:**

***«منشآ و پیدایش نوروز، به‌درستی معلوم نیست. در برخی از متن‌های کهن ایران، از جمله شاهنامه فردوسی و تاریخ طبری، جمشید - و در برخی دیگر از متن‌ها کیومرث - به عنوان پایه‌گذار نوروز معرفی شده است. پدیدآوری نوروز در شاهنامه بدین گونه روایت شده است که جمشید در حال گذشتن از آذربایجان دستور داد تا در آنجا برای او تختی بگذارند و خودش با تاجی زرین بر روی تخت نشست. با رسیدن نور خورشید به تاج زرین او جهان نورانی شد و مردم شادمانی کردند و آن روز را نوروز نامیدند».*** **(جشن‌های آب... به نقل از دانشنامهٔ ویکی‌پدیا)**

***«برخی از روایت‌های تاریخی آغاز نوروز را به بابلیان نسبت می‌دهد. بر طبق این روایت‌ها رواج نوروز در ایران به 537 سال قبل از میلاد، یعنی زمان حملهٔ کوروش بزرگ به بابل بازمی‌گردد. همچنین در برخی از روایت‌ها، از زرتشت به عنوان بنیان‌گذار نوروز نام برده شده است. اما در اوستا (دست‌کم در گات‌ها) نامی از نوروز برده نشده است».*** **(همان منبع)**



1. Паёмбар (с) фармудаанд: “Ҳар кӣ ба қавме ташаббуҳ (монандкорӣ) намояд, ӯ аз онон аст”. Мурод аз қавм дар ин фармудаи ҳазрати Паёмбар (с), пайравони як дин ва ё кеше муъайян ғайри ислом аст, мисли масеҳиён, яҳудиҳо, буддоиҳо ва ғайра. Бар асоси ин фармуда, ҳар гоҳ мусалмоне ъамале анҷом бидиҳад, ки вежаи яке аз адёни номбурда аст ва қасди монандӣ ба эшонро дошта бошад, ӯ аз зумраи онон хоҳад буд, ки кофиранд;

2. Наврӯз ъид ва маросимест вежаи ойини зартуштӣ.

Пас натиҷае, ки аз замми ин ду муқаддима ба даст меояд, ин аст, ки чун ҳазрати Паёмбар (с) аз ташаббуҳ (монандсозӣ) ба қавме наҳӣ фармудаанд ва Наврӯз вежаи ойини зартуштиён мебошад, аз ин рӯ, агар мо мусалмонон низ ин рӯзро гиромӣ бидорем ва ҷашн бигирем, ташаббуҳ ба эшон намудаем ва аз зумраи эшон (зартуштиён) гардидаем, ки аз назари мо, мусалмонон, кофиранд.

Фатвои Ибни Нуҷайм ва ё соири фақеҳон, ки мисли ӯ бар ъадами ҷавози гиромидошти Наврӯз фатво додаанд, дар сурате дурусту саҳеҳ ва ъамал ба он барои мукаллаф илзомӣ хоҳад буд, ки ҳар дуи ин муқаддима саҳеҳу дуруст бошанд. Аммо агар ҳар ду ва ё яке аз онҳо нодуруст бошад, фатво аз эътибор соқит ва ъамал ба он илзомовар нахоҳад буд.

Муқаддимаи дуюм дуруст нест

Муқаддимаи аввали фатво сад дарсад дуруст аст ва шакке дар он нест, зеро ин ривоят як ривояти саҳеҳ аст. Бар асоси ин фармуда, мусалмононро ҷоиз нест, ки маросиме, ки махсус ва вижаи ойини мушаххасе мебошад, гиромӣ бидоранд.

Аммо муқаддимаи дуюми ин фатво дуруст нест. Чаро?

Бад-ин ҷиҳат, ки ба лиҳози торихӣ ва бо нигоҳ ба додаҳои ойини зардуштӣ, ҳанӯз ба гунаи қатъӣ собит нашудааст, ки Наврӯз вижаи ойини зардуштӣ бошад. Асосан, на танҳо зардуштӣ, балки ҳеч ойине то ҳанӯз бо далоили мутқан собит накардааст, ки Наврӯз махсуси ӯ ва бархоста аз додаҳои мазҳабии ӯ бошад. Пажӯҳишгарон дар хусуси маншаъ ва пайдоиши Наврӯз мегӯянд:

“Маншаъ ва пайдоиши Наврӯз, ба дурустӣ маълум нест. Дар бархе аз матнҳои куҳани Эрон, аз ҷумла “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Торихи Табарӣ”, Ҷамшед, ва дар бархе дигар аз матнҳо Каюмарс, ба унвони поягузори Наврӯз муаррифӣ шудааст. Падидоварии Наврӯз дар Шоҳнома бад-ин гуна ривоят шудааст, ки Ҷамшед дар ҳоли гузаштан аз Озарбойҷон, дастур дод, то дар онҷо барои ӯ тахте бигузоранд ва худаш бо тоҷе заррин бар рӯи тахт нишаст. Бо расидани

нури хуршед ба тоҷи заррини ӯ ҷаҳон нуронӣ шуд ва мардум шодмонӣ карданд ва он рӯзро Наврӯз номиданд.” (“Ҷашнҳои об...”, ба нақл аз донишномаи Википедия)

“Бархе аз ривоятҳои таърихӣ оғози Наврӯзро ба бобилиён нисбат медиҳад. Бар тибқи ин ривоятҳо, ривоҷи Наврӯз дар Эрон ба 537 сол қабл аз милод, яъне замони ҳамлаи Куруши Бузург ба Бобил бозмегардад. Ҳамчунин дар бархе аз ривоятҳо аз Зартушт ба ъунвони бунёнгузори Наврӯз ном бурда шудааст. Аммо дар Авесто (дастикам дар “Готҳо”) номе аз Наврӯз бурда нашудааст.” (Ҳамон манбаъ).

Устод Адаш Истад, муҳаққиқ ва пажӯҳишгари тоҷики ойинҳои бумӣ, бавежа ойини митроӣ, ахиран дар мақолае муддаъӣ шуданд, ки асосан Наврӯз рабте ба ойини зартуштӣ надорад. Албатта, иддаъо кардаанд, маншаи ин ъид ойини митроӣ аст, ки худ маҳалли баҳс дорад. Эшон мефармоянд: “Ривоятҳое, ки Ҷамшедро поягузори Наврӯз меҳисобанд, асло дуруст буда наметавонанд. Ба он сабаб, ки Ҷамшед поягузори оини нав набуд ва ҷашнҳои бостонӣ ҳама динӣ буданд.”

Аммо ин ки чаро Наврӯз бо ойини зартуштӣ ва ё ойини митроӣ (чунонки устод Адаш Истад муддаъист) чунон танида шуда, ки ҳатто гумон рафта вежаи ӯст ва фуқаҳои мо низ бо ин бовар, фатво содир кардаанд?

### Наврӯз ҷашни табиъат аст, на шариъат

Ба назари камина, Наврӯз ҷашни таквин аст, на ташреъ. Наврӯз ҷашни табиъат аст, на шариъат. Магар на ин аст, ки бо оғози фасли баҳор ва фарорасии Наврӯз, ҳама зинда мешавад ва табиъат ҷомаи нав бар тан мекунад? Ҷисми одамӣ низ, ки ҷузъе аз табиъат аст, мехоҳад ҳамоҳанг бо табиъат ҷомае тоза бар тан кунад. Мехоҳад ҳамоҳанг бо табиъат зинда шавад, ҷашн гирад.

Чунон ки дин феъли ташреъии худовандист, табиъат низ феъли таквинии илоҳист ва ҳеҷ гоҳ таквин ва ташреъ бо ҳам носозгорӣ надоранд, чаро ки аз мабдаи воҳиде сарчашма мегиранд.

Бино бар ин аст, ки мебинем, ҳар дину ойине, ки бар ин сарзамин омада, ҳаргиз додаҳои мазҳабии худро муғойир бо Наврӯз, ки мардумони мо ҳамгом бо табиъат онро ҷашн мегирифтанду мегиранд, намедидааст. Асосан, мухолифат бо он мухолифат бо чист? Мухолифат бо ҷашни табиъат, ки кори худовандист?

Балки ҳар ойину дине, чи митроӣ бошад ё зартуштӣ ва ё ҳатто ислом, саъй карда ба ин ҷашн, ки реша дар табиъат дорад, самту сӯ бахшад ва ҷиҳат бидиҳад ва бо гузашти замон чунон бо он танида, ки



استاد اَدَش ایستَد، محقق و پژوهشگر تاجیک آیین‌های بومی به‌ویژه آیین میترا، اخیراً در مقاله‌ای مدعی شدند که اساساً نوروز ربطی به آیین زرتشتی ندارد و بر آن هستند که منشأ این عید آیین میترائی است. ایشان می‌فرماید: «*روایت‌هایی که جمشید را پایه‌گذار نوروز می‌شمارند، اصلاً درست نیستند. بدین سبب که جمشید پایه‌گذار آیین نو نبود و جشن‌های باستانی همه دینی بودند*».

اما چرا نوروز با آیین زرتشتی و یا آیین میترائی (چنانکه استاد ادش ایستد مدعی است) چندان تنیده شده که حتی گمان رفته ویژهٔ اوست و فقهای ما نیز با این باور فتوا صادر کرده‌اند؟

### نوروز، جشن طبیعت است، نه شریعت

به نظر راقم سطور، نوروز، جشن تکوین است، نه تشریع. نوروز، جشن طبیعت است، نه شریعت. مگر نه این است که با آغاز فصل بهار و فرارسی نوروز همه زنده می‌شود و طبیعت جامهٔ نو بر تن میکند؟ جسم آدمی نیز که جزئی از طبیعت است، می‌خواهد هماهنگ با طبیعت جامه‌ای تازه بر تن کند، می‌خواهد هماهنگ با طبیعت، زنده شود، جشن گیرد.

چنانکه دین، فعل تشریعی خداوند است، طبیعت نیز فعل تکوینی الهی است و هیچگاه تکوین و تشریع با هم ناسازگاری ندارند؛ چرا که از یک مبدأ واحد سرچشمه می‌گیرند.

بنا بر همین است که می‌بینیم، هر دین و آیینی که بر این سرزمین آمده، هرگز داده‌های مذهبی خود را مغایر با نوروز که مردمان ما همگام با طبیعت آن را جشن می‌گرفتند و می‌گیرند، نمی‌دیده است. اساساً مخالفت با آن مخالفت با چیست؟ مخالفت با جشن طبیعت که کار خداوندی است؟

بلکه، هر آیین و دینی، چه میترائی باشد یا زرتشتی و یا حتی اسلام، سعی کرده به این جشن که ریشه در طبیعت دارد، سمت‌وسو بخشد و جهت دهد و با گذشت زمان چنان با آن تنیده که مردمان را این باور در ذهن استوار گردیده که گویی نوروز ویژهٔ آن آیین و برخاسته از متن آن باشد. اینکه حاجی اکبر تورجان‌زاده اخیراً در گفتگو با یکی از خبرگزاریی‌ها فرمود که «*این جشن پس از ظهور و گسترش اسلام رنگ و بوی اسلامی و دینی به خود گرفته‌است*»، اشاره به همین حقیقت دارد. کسانی که زمان شوروی سابق را درک کرده‌اند، نیک یادشان است که نوروز نیز در کنار دیگر عادات اسلامی ما به عنوان یکی از مراسم دینی ممنوع بود و تنها در اواخر عمر شوروی برای جشن آن اجازه داده شد. چرا؟ چون اندیشه بر آن بود که نوروز نیز یک عادت اسلامی است که باید ممنوع باشد.